**аз 27.04.2020 № 6910/8.1-Д**

Шуъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки тартиби пешбурд ва ташкили ҳуҷҷатгузории парвандаҳои бақайдгирии давлатии субъектони хоҷагидор ба зиммаш кормандони бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ вогузор карда шудааст. Таҳлил ва санҷишҳои аз ҷониби Раёсати бақайдгирии андозсупорандагони Кумитаи Андоз гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки солҳои охир парвандаҳои дорои ҳуҷҷатҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ба талаботҳои Низомномаи бойгонии Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон, ки бо фармоиши Раиси Кумитаи Андоз аз 3 марти соли 2018 №309 тасдиқ гардидааст, мутобиқат наменамоянд.

Қайд менамоем, ки дар аксарияти ҳолатҳо, дар муқоваи парвандаҳо РМА ва РЯМ, номи мухтасар ва рақами мустақили (тартибии) субъекти хоҷагидор қайд нашуда ва ё нодуруст нишон дода шудаанд. Инчунин дар парвандаҳо рӯйхати мавҷудияти воқеии ҳуҷҷатҳои муайяннамудани қонунгузорӣ мавҷуд набуда, парвандаҳо саҳифагузорӣ карда нашудаанд.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади дуруст ба роҳ мондани ҳуҷҷатгузорӣ ва пешбурди парвандаҳои бақайдгирии давлатии субъектони хоҷагидор Низомномаи бойгонии Раёсати бақайдгирии андозсупорандагонро такроран ирсол намуда, Шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар вилоятҳо ва шаҳри Душанбе вазифадор карда мешаванд, ки парвандаҳои шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷиро ба талаботҳои Низомномаи мазкур мутобиқ намоянд.

Сардорони шуъбаҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар вилоятҳо ва шаҳри Душанбе вазифадор карда мешаванд, ки риоя ва иҷрои талаботҳои пешбини намудаи Низомномаро аз ҷониби бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои таҳти назорати доимӣ қарор диҳанд.

Таъкид карда мешавад, ки иҷрои талаботҳои Низомномаи бойгонӣ оид ба тартиби таҳияи парвандаҳо дар шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатӣ аз ҷониби Кумитаи андоз давра ба давра мавриди санҷиш қарор дода шуда, дар сурати ошкор гардидани камбудиҳо дар парвандаҳои бақайдгирии давлатии субъектони хоҷагидор, нисбати шахсони масъул чораҳои қатъии интизомӣ андешида мешаванд.

*Замима: Низомномаи бойгонӣ дар ҳаҷми 15 варақ.*

Раис Н.Давлатзода

«Тасдиқ карда шуд»
Фармони Раиси Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 03 » августи с 2018 № 309

# Низомномаи
## бойгонии Раёсати бақайдгирии андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### 1.Муқаррароти умумӣ

1.1 Низомномаи бойгонии Раёсати бақайдгирии андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (***минбаъд – Низомнома***) тартиби қабул, нигоҳдорӣ ва истифодабарии ҳомили қоғазии Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (***минбаъд – Феҳрист***) -ро муайян менамояд.

1.2 Мафҳумҳои асосие, ки дар ҳамин Низомнома истифода бурда мешаванд:

**Қонун** - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19.05.2009 № 508 ва тағйиру иловаҳои ба он воридгардида аз 29.12.2010 № 669, аз 28.12.2012 № 912, аз 23.11.2015 № 1251 ва аз 14.05.2016 № 1319 ***(минбаъд – Қонун)***.

**Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ** – ин ба Конриститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки онҳоро Тоҷикистон эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ**- Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои дахлдори он ба ҳисоб меравад.

**Феҳристи ягонаи давдлатӣ**- маҳзани ягонаи давлатии иттилоотӣ дорои маълумот дар бораи шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, ки тибқи Қонун амалҳои бақайдгирии давлатиро гузаштаанд мебошад.

**Субъектҳои соҳибкори** – шахсони ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфироде, ки тахти амали Қонун қарор гирифтаанд.

**Бойгонии Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон** – маҳзани марканизонидашудаи ҳуҷҷатҳо, маводҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои зарури оид

ба амалҳои бақайдгирии давлати нисбати субектони соҳибкори, ки тибқи талаботи Қонун ба расмият дароварда шудаанд.

**Парвандаи инвентарӣ** – маҷмуъи ҳуҷҷатҳо ва маълумотномаҳои дар ҳомили қоғази мавҷудбуда, ки аз ҷониби субъектони хоҷагидор ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирӣ пешниҳод карда шуда, таърихи таъсис, ташаккул ва барҳамхурии субъектҳои соҳибкориро тавсиф менамояд.

**Шаклҳои ҳуҷҷатҳои воридотӣ** – варақаҳои аризаҳо, огиҳиномаҳо, дархостҳое, ки аз тарафи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ***(минбаъд - Кумитаи андоз)*** тасдиқ карда шудаанд ва аз тарафи аризадиҳанда пешниҳод карда мешаванд,

**Ташхиси арзишноки ҳуҷҷатҳо**- омӯзиши ҳуҷҷатҳо дар асоси принсипҳо ва меъёрҳои арзишнокии онҳо бо мақсади муайян кардани мӯҳлати нигоҳдорӣ ва ҷудо карда гирифтани онҳо барои нигоҳдории давлатӣ.

1.3 Мақсади асосии ташкил ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳо ин ҷамъоварии иттилооти расмӣ оиди ҳолати ҳуқуқии субъектҳои соҳибкори, соҳибмулкон ва воҳидҳои сохторию марзии онҳо ва дигар маълумотҳо мебошанд.

1.4 Пешбурди фаъолияти Бойгони ба зиммаи Гурӯҳи нигоҳдори ҳуҷҷатҳои бақайдгирии давлатии Раёсати бақайдгирии андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гуруҳҳои нигоҳдории ҳуҷҷатҳо дар вилоятҳо (***минбаъд – Гурӯҳ***) вогузор карда мешавад.

## 2. Ҳуқуқҳо, вазифаҳо ва ваколатҳои асосии Гурӯҳи нигоҳдории ҳуҷҷатҳои бақайдгирии давлатии субъектҳои хоҷагидор.

**2.1 Гурӯҳ дорои ҳуқуқҳои зерин мебошад:**

а) фаъолияти кормандони шуъбаҳо ва баҳшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар маҳалҳоро, оид ба дуруст ба роҳ мондани ҳуҷҷатгузорӣ ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои дорои бақайдгирии давлатӣ ва мутобиқати онҳоро ба талаботи қонунгузори назорат мебарад ва дар хусусиислоҳи камбудиҳои ошкоргардида таклифу пешниҳодҳо менамояд;

б) барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар самти пешниҳоди парвандаҳои дорои ҳуҷҷатҳои бақайдгирии субъектҳои хоҷагидор семинарҳо ва корҳои фармондадиҳӣ мегузаронад;

в) дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёри-ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти пешбурди Феҳрист ва дигар масъалаҳои бақайдгирии давлатӣ иштирок менамояд.

**2.2 Вазифаҳои Гурӯҳ аз инҳо иборат мебошанд:**

а) назорат ва санҷиши мутобиқатии ҳуҷҷатҳои бақайдгирии дар Қонун муқарраргардида бо ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи субъектҳои хоҷагидор, ки дар бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар маҳалҳо қабул карда шудаанд;

б) ташкил ва таъмини шакл, услуб ва тартиби нигоҳдории парвандаҳои инвентарӣ;

в) расонидани ёрии амалии методӣ дар батартибдарории парвандаҳо, тибқи Феҳристи парвандаҳо дар бахшу шуъбаҳои бақайдгирии давлатӣ дар маҳалҳо;

г) гузаронидани ташхиси арзишнокии ҳуҷҷатҳо дар ҳамкори бо Комиссияи ташхисии доимоамалкунандаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

д) дар асоси хулосаи Комиссияи ташхисии доимоамалкунанда, ба Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нигоҳдорӣ пешниҳод намудани парвандаҳои дорои ҳуҷҷатҳои бақайдгирии давлатии субъктҳои хоҷагидор;

е) фароҳам овардани шароити мусоиди нигоҳдории парвандаҳо;

ё) баҳисобгирии ҳуҷҷатҳо, санҷиши мавҷудият ва ҳолати онҳо, инчунин таъмини беосеб нигоҳ доштани ҳолати воқеии ҳуҷҷатҳо;

ж) тайёр намудани ҳисоботҳои фосилавӣ ва пешниҳоди таклифҳо оиди бартараф намудани камбудиҳои муайяншуда дар ҷараёни бақайдгирии давлатӣ;

з) ҷобаҷогузории парвандаҳо дар маҳфузгоҳ ва гузоштани аломатҳои топографии онҳо;

и) риояи тартиби доду гирифти парвандаҳо аз бойгонӣ.

**2.3 Ваколатҳои асосии Гурӯҳ:**

а) аризаи шаҳрвандонро, ки ба фаъолияти пешбурди Феҳрист алоқаманд аст, баррасӣ мекунад;

б) риояи тартибот ва иҷрои талабот оид ба таъмини нигоҳдорӣ, баҳисобгирии ҳуҷҷатҳо ва пуррасозии Феҳристро ба амал мебарорад;

в) ба қонунгузорӣ мутобиқат намудани парвандаҳо ва амалиётҳои тасдиқшудаи бахшҳои бақайдгириро мавриди санҷиш қарор медиҳад;

г) лоиҳаҳои низомномаҳо, дастурамалҳо, тавсияҳо ва дигар дастурҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро таҳия ва таҳлил менамояд;

д) бо супориши роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон, маводҳои заруририро барои баррасӣ пешниҳод менамояд;

е) дигар дастуру супоришҳоро дар доираи ваколатҳояш дар амал тадбиқ менамояд.

## 3. Тартиби қабул ва нигоҳдории парвандаҳои дорои ҳуҷҷатҳои бақайдгирии давлатии субъектҳои хоҷагидор, гузаронидани ташхиси арзиши ин ҳуҷҷатҳо

3.1 Парвандаҳои дорои ҳуҷҷатҳои бақайдгирии давлатии субъектҳои хоҷагидор (***минбаъд – Парвандаҳо***) барои нигоҳдорӣ супоридашаванда, аз тарафи бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии Раёсат рақамгузорӣ, саҳифагузорӣ ва бастабандӣ карда мешаванд.

3.2 Парвандаҳои фарсудашуда, дорои ҳуҷҷатҳои нодухта, рӯйхат надошта, рақамгузорӣ нашуда ва бо вайрон намудани талаботи Низомномаи мазкур пешниҳодгардида, барои нигоҳдорӣ қабул карда намешаванд.

3.3 Парвандаҳои барои нигоҳдори пешниҳодгардида бо маълумотҳои Феҳрист муқоиса карда мешаванд ва ҳангоми ошкор гардидани камомад санади тафтиши мавҷудият ва камомади парвандаҳо тартиб дода мешавад.

3.4 Парвандаҳо бо роҳи тартиб додани санади дахлдор ба расмият даровварда шуда, бо имзои корманди масъули Гурӯҳ ва бахш қабул карда мешаванд.

3.5 Парвандаҳо, доир ба мавҷудияти воқеии ҳуҷҷатҳое, ки Қонун муайян намудааст санҷида шуда, ҳангоми мавҷудияти камбудиҳо маълумотнома тартиб дода шуда, парвандаҳо барои ислоҳ ба бахши дахлдор баргардонида мешаванд.

3.6 Парвандаҳои ба бойгонӣ воридшуда дар маҳфузгоҳ дар рафҳо вобаста ба бахшҳо ва гуруҳбандии амалҳои бақайдгирӣ ҷойгир карда мешаванд.

3.7 Парвандаҳои субъектҳои хоҷагидори фаъолияташон қатъ гардида (барҳамхурда) ҷудо нигоҳ дошта мешаванд.

3.8 Мӯҳлати нигоҳдории парвандаҳо аз тарафи Комиссияи ташхисии доимоамалкунандаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

3.9 Гурӯҳ дар ҳамкорӣ бо Комиссияи ташхиси доимоамалкунанда, ташхиси арзиши парвандаҳоро гузаронида, мутобиқи хулосаи Комиссияи мазкур рӯйхати парвандаҳои ба Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супоридашавандаро тартиб дода, тибқи талаботҳои бойгони онҳоро ба расмият медарорад.

3.10 Баъди ба охир расидани соли тақвимӣ Гурӯҳ, аз рӯи Феҳрист рӯйхати субъекҳои хоҷагидорро чоп намуда, ҳамчун ҳомили қоғазӣ дар бойгони нигоҳ медорад ва рӯйхат аз тарафи Раиси Кумитаи андоз ва ё муовини он тасдиқ карда мешавад.

3.11 Дар ҳолати номувофиқатии маълумоти Феҳристи ҳомили қоғазӣ ва ҳомили электронӣ, маълумоти дар воситаи ҳомили қоғазӣ мавҷудбуда, ҳамчун асос пазируфта мешавад.

3.12 Барои таъмини ҳифзи парвандаҳо Гурӯҳи нигоҳдории ҳуҷҷатҳои бақайдгирии давлатии субектҳои хоҷагидор масъул мебошад.

## 4. Тартиби тайёр ва пешниҳоди парвандаҳо аз тарафи бахшҳо

4.1 Пешбурд ва ташкили ҳуҷҷатгузории парвандаҳо, ки ба кормандони бахшҳои бақайдгирӣ вогузор карда шудааст, мутобиқи талаботи Низомномаи мазкур ба расмият даровварда мешаванд.

4.2 Барои пурра ба расмият даровардани парвандаҳо, кормандони бахш ҳуҷҷатҳои дохилии парвандаҳоро санҷида, камбудиҳои ҷойдоштаро

бартараф намуда, варақаҳои мавҷударо саҳифагузорӣ менамоянд. Саҳифагузорӣ дар кунҷи рости поёни варақҳо ба анҷом расонида мешавад.

4.3 Дар дохили парванда рӯйхати ҳуҷҷатҳои бақайдгирӣ бо нишондоди номгӯи шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ, номи пурраи ҳуҷҷат, шумораи варақаҳо ва саҳифаҳои ҷойгиршавии онҳо нишон дода мешавад. Рӯйхати мазкур бо нишондоди вазифа, ному насаб ва имзои корманди масъул ва мӯҳри бахш тасдиқ карда мешавад. (**Замимаи 1**).

4.4 Дар муқоваи парванда, дар кунҷи рости болоӣ аломатҳои РМА, РЯМ, дар қисми мобайн номи мухтасари субъекти хоҷагидор, моҳ ва сол ва дар кунҷи болои тарафи чап рақами мустақили (тартибии) парванда навишта мешавад. Ҳар як парванда рақами мустақил дошта, он бо РЯМ бояд мувофиқат кунад. Навишти рақами мустақил (тартибӣ) бо қаламҳои шарикдор манъ аст ва танҳо бо ранги сиёҳ навишта мешавад. (**Замимаи 2**).

4.5 Бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар вилояти Хатлон ва шаҳри Душанбе, бо хабардошти Сардори шуъбаҳои бақайдгирӣ, бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ, бо риояи тартиби Низомномаи мазкур парвандаҳоро ба Гурӯҳи нигоҳдории Раёсат пешниҳод менамоянд.

Бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар вилояти Суғд ва ВМКБ бо риояи тартиби дар Низомномаи мазкур дарҷгардида парвандаҳоро ба шуъбаҳои бақайдгирии давлатии дар ин вилоятҳо мавҷудбуда, пешниҳод менамоянд.

4.6 Парвандаҳои шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ки ҳамчун субъектони бефаъолият ҳисобида шудаанд, баъд аз қабули қарори Комиссияи Кумитаи андоз оид ба аз Феҳристи ягонаи давлатӣ хориҷ намудани субъектони бефаъолият, ба бойгонӣ бо рӯйхати тасдиқгардидаи субъектони бефаъолият супорида мешаванд.

4.7 Вобаста ба хусусияти амали бақайдгирии давлатӣ парвандаҳои пешниҳодшаванда бояд дорои ҳуҷҷатҳои зерин бошанд:

***а*) барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ:**

- руйхати мавҷудияти ҳуҷҷатҳо бо нишондоди шумораи варақҳо ва саҳифаҳо;
- аризаварақаи тасдиқшудаи шакли № 01;
- дигар ҳуҷҷатҳои расмие, ки дар банди 1 моддаи 11-и Қонун пешбинӣ шудааст;
-нусхаи Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ.

***б) барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқии бо роҳи азнав-ташкилдиҳӣ таъсисёфта:***

- руйхати мавҷудияти ҳуҷҷатҳо бо нишондоди шумораи варақҳо ва саҳифаҳо (маълумотнома);
- аризаварақаи тасдиқшудаи шакли № 01;

- дигар ҳуҷҷатҳои расмие, ки дар бандҳои 1 ва 2-и моддаи 11-и Қонун пешбинӣ шудааст;
- нусхаи Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ.

***в) барои бақайдгирии давлатии барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ***:
- руйхати мавҷудияти ҳуҷҷатҳо бо нишондоди шумораи варақҳо ва саҳифаҳо;
- аризаварақаи тасдиқшудаи шакли № 08;
- дигар ҳуҷҷатҳои расмие, ки дар моддаҳоии 19 ва 20-и Қонун пешбинӣ шудааст;
- Шаҳодатномаи аслии бақайдгирии давлатӣ.

***г) барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давдлатӣ нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ:***
- руйхати мавҷудияти ҳуҷҷатҳо бо нишондоди шумораи варақҳо ва саҳифаҳо;
- аризаварақаи тасдиқшудаи шакли № 04;
- дигар ҳуҷҷатҳои расмие, ки дар моддаи 27-и Қонун пешбинӣ шудааст;
- Шаҳодатномаи аслии бақайдгирии давлатӣ, ҳангоми иваз ва ё тағйир додани номгӯи шахси ҳуқуқӣ;
- нусхаи Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ.

***д) барои бақайдгирии давлатииитаъсисёбии филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ:***
- руйхати мавҷудияти ҳуҷҷатҳо бо нишондоди шумораи варақҳо ва саҳифаҳо;
- аризаварақаи тасдиқшудаи шакли № 03;
- дигар ҳуҷҷатҳои расмие, ки дар моддаи 29-и Қонун пешбинӣ шудааст;
- нусхаи Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ.

***е) барои бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ:***
- руйхати мавҷудияти ҳуҷҷатҳо бо нишондоди шумораи варақҳо ва саҳифаҳо;
- аризаварақаи тасдиқшудаи шакли № 08;
- дигар ҳуҷҷатҳои расмие, ки дар моддаи 32-и Қонун пешбинӣ шудааст;
- Шаҳодатномаи аслии бақайдгирии давлатӣ.

ё) ***барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давдлатӣ оид ба филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ:***
- руйхати мавҷудияти ҳуҷҷатҳо бо нишондоди шумораи варақҳо ва саҳифаҳо;
- аризаварақаи тасдиқшудаи шакли № 06;
- дигар ҳуҷҷатҳои расмие, ки дар моддаи 33-и Қонун пешбинӣ шудааст;
- Шаҳодатномаи аслии бақайдгирии давлатӣ, ҳангоми иваз ва ё тағйир додани номгӯи шахси ҳуқуқии хориҷӣ;
- нусхаи Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ;
- дигар ҳуҷҷатҳои расмие, ки дар асоси дигар Қонунҳои амалкунанда ва инчунин Қарорҳо ва дастурҳои Кумитаи андоз пешбини мегарданд.

***<u>ж) барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси воқеъӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ:</u>***

- руйхати мавҷудияти ҳуҷҷатҳо бо нишондоди шумораи варақҳо ва саҳифаҳо;
- аризаварақаи тасдиқшудаи шакли № 02;
- дигар ҳуҷҷатҳои расмие, ки дар моддаи 22-и Қонун пешбинӣ шудааст;
- нусхаи Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ.

***<u>з) барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давдлатӣ оид ба соҳибкори инфиродӣ:</u>***

- руйхати мавҷудияти ҳуҷҷатҳо бо нишондоди шумораи варақҳо ва саҳифаҳо;
- аризаварақаи тасдиқшудаи шакли № 05;
- дигар ҳуҷҷатҳои расмие, ки дар моддаи 27-и Қонун пешбинӣ шудааст;
- нусхаи Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ;
- Шаҳодатномаи аслии бақайдгирии таъғирёфта.

***<u>и) барои бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ:</u>***

- руйхати мавҷудияти ҳуҷҷатҳо бо нишондоди шумораи варақҳо ва саҳифаҳо;
- аризаварақаи тасдиқшудаи шакли № 09;
- дигар ҳуҷҷатҳои расмие, ки дар моддаҳои 24 ва 25-и Қонун пешбинӣ шудааст;
- Шаҳодатномаи аслии бақайдгирии давлатӣ.

***<u>к) барои дархости маълумот аз Феҳрист:</u>***

- аризаварақаи тасдиқшудаи шакли № 14;
- расидаи (квитансияи) боҷи давлатӣ;
- нусхаи шиносномаи аризадиҳанда.

4.8 Парвандаҳои дорои ҳуҷҷатҳои рад кардани бақайдгирии давлатӣ дар ҳолати мавҷудияти асосҳои дар моддаи 34-и Қонун пешбинишуда қабул карда мешаванд.

## 5. Тартиби аз маҳфузгоҳ додани парвандаҳо ва додани маълумот аз Феҳристи ягонаи давлатӣ

5.1 Парвандаҳо аз маҳфузгоҳ барои истифодабарӣ, ба кормандони ҷузъҳои сохтори Кумитаи андоз дар асоси дархост, бо иҷозати Сардори Раёсат ва ба мақомотҳои судӣ, тафтишотӣ ва дигар муассисаҳо дар асоси мактуби дахлдор, бо иҷозати Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

5.2 Парвандаҳои ба мақомоти судӣ, тафтишотӣ ва дигар муассисаҳо барои истифодаи муваққатӣ додашаванда бо санад ба расмият даровarda мешаванд.

5.3 Парвандаҳо барои истифодабарӣ ба кормандони ҷузъҳои сохторӣ ба мӯҳлати то 10 рӯз, ба мақомоти судӣ, тафтишотӣ ва дигар муассисаҳо ба мӯҳлати то 3 моҳ пешниҳод карда мешаванд.

5.4 Парвандаҳое, ки баъд аз истифодабари баргардонида мешаванд, дар ҳузури шахсе, ки парвандаро бармегардонад санҷида шуда, дар сурати ошкор намудани камомади парвандаҳо ё варақаҳои дар он мавҷудбуда, инчунин осеб дидани онҳо санад тартиб дода шуда, нусхаи он ба роҳбари ташкилоте, ки парвандаро истифода бурдааст барои чорабинӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони масъул пешниҳод карда мешавад.

5.5 Парвандаҳои барои истифодабари додашуда дар «Китоби додани парвандаҳо аз маҳфузгоҳ» дарҷ карда мешавад **(замимаи 3).**

5.6 Маълумоти дар Феҳристи ягонаи давлатӣ мавҷудбуда, ба истисноި маълумотҳои дар қисми 3 моддаи 9-и Қонун дарҷгардида ошкоро ва дастраси умум мебошад.

5.7 Нусхаи ҳуҷҷатҳои расмӣ ва ё иқтибос аз ҳуҷҷатҳо, ба шуъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирӣ, судҳо ва дигар мақомотҳо, бо тартиби муқарарнамудаи қонунгузорӣ, тибқи дархости онҳо пешниҳод карда мешаванд.

Ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нусхаҳои аслии ҳуҷҷатҳо дар асоси иҷозати расмии хаттии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

5.8 Ба маҳфузгоҳ ворид гардидани одамони бегона қатъиян маън аст.

## 6. Тартиби қабул ва супоридани парвандаҳо ҳангоми иваз шудани роҳбари Гурӯҳи нигоҳдории ҳуҷҷатҳо, шуъбаҳои бақайдгирӣ ва ивазшавии корманди бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ.

6.1 Ҳангоми иваз гардидани сардори Гурӯҳ ва сардори Шубаҳои бақайдгирӣ дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ ва шаҳри Душанбе, инчунин кормандони бахшҳои бақайдгирӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳур, ҳуҷҷатҳо, парвандаҳо, варақаҳои ҳисоботашон қатӣ ва инчунин асбобу анҷом ва таҷҳизотҳое, ки ба онҳо вобаста карда шудааст, тибқи санад супорида ва қабул карда мешаванд.

6.2 Санад дар 2 нусха тартиб дода шуда, як нусхаи он ба Сардори Раёсат бо варақаи азкорравӣ пешниҳод карда мешавад.

6.3 Ҳангоми ҷой доштани камбудиҳо дар ҳолати супоридан ва ё қабул, намудани ҳуҷҷатҳо, парвандаҳо, варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ ва инчунин асбобу анҷом ва таҷҳизотҳо, тоислоҳи камбудиҳо дар варақаи азкорравӣ имзо гузошта намешавад.

6.4 Ҳангоми ба рухсатии меҳнатӣ баромадани корманди бахш, ҷойивазкунӣ бо пешниҳоди Сардори Раёсат ва Сардорони шуъбаҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар вилоятҳои Хатлон, Суғд, ВМКБ ва шаҳри Душанбе ва дар асоси Фармони Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

6.5 Назорат аз рӯи ивазшавии кормандони бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони воқеи ва соҳибкорони инфиродӣ ва назорат аз рӯи тартиби нигоҳдории ҳуҷҷатҳо аз тарафи Сардори Раёсат ба амал баровварда мешавад.

---

Замимаи 1

**Рӯйхати ҳуҷҷатҳои бақайдгирии давлатӣ**

________________________________________

(номгӯи шахси ҳуқуқӣ ва ё соҳибкори инфиродӣ)

**Н а м у н а**

| № т/т | Номгӯи ҳуҷҷатҳо | Шумораи варақҳо | Саҳифаи варақҳо |
|---|---|---|---|
| 1 | Аризаи шакли 01 | 6 | 1-6 |
| 2 | Қарори муассис доир ба ташкилдиҳӣ | 4 | 7-10 |
| 3 | Нусхаи Шиноснома | 1 | 11 |
| 4 | ва дигар ҳуҷҷатҳо | | |
| | | | |

Корманди бахши бақайдгирии
давлатии шахси ҳуқуқӣ ва
соҳибкори инфиродӣ дар

________________________ ________________ ________________

(номгӯи шаҳр ва ё ноҳия) (ному насаб) (имзо ва мӯҳр)

**Замимаи 2**

**Н а м у н а**

**555**

**РМА 010000025**

**РЯМ 0310005554**

**ҶДММ «Парастор»**

**05 майи соли 2018**

______________________________

Омода намуд:

Раёсати бақайдгирии
андозсупорандагон                                Меликов М.Н.

Шинос карда шуд:

| | |
|---|---|
| Муовини аввали Раис | Солеҳзода А.М. |
| Муовини Раис | Сафарзода Л.Ҳ. |
| Муовини Раис | Юсуфӣ П.С. |
| Муовини Раис | Гулмуродзода К.Г. |
| Муовини Раис | Исмоилзода Х.И. |
| Раёсати таъмини ҳуқуқӣ | Набиев Б. |
| Раёсати ташкили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз | Шодиён З.С. |
| Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон | Баҳриев И.Б. |